«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ профессор
Ибодуллозода А.И. ____________
«_____» _______ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 - Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2026. – 179 с.**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» бо шиносномаи ихтисоси 6.2.1 - Забони тоҷикӣ мутобиқ аст.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд дар забоншиносии муосири тоҷик аз тарафи як зумра муҳаққиқон бар мабнои осори хаттии даврони классикӣ ва муосир вижагиҳои лингвистии истилоҳоти соҳаи тиб мавриди баррасӣ қарор гирифта бошанд ҳам, ҳанӯз дар асоси матни рисолаи «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ ба шакли монографӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Пажуҳиши лингвистии асари мазкур ва муқоисаи он бо осори дигар имкон медиҳад, ки дар оянда низоми истилоҳоти тиббии тоҷикӣ ба таври мукаммал омӯхта ва фарҳанги комили тиббӣ таҳия шавад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар забоншиносии муосир масъалаи истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳим ва баҳсталабест, ки ниёз ба таҳқиқоти фарогир дорад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат таҳқиқи вижагиҳои маъноиву сохтории истилоҳоти улуми мухталиф аз манфиат холӣ нест. Дар ҳамин росто таваҷҷуҳ ба осори классикии илмӣ бамавриду саривақтист. Зеро тавассути баррасии вижагиҳои забонии осори илмӣ дар баробари муайян намудани марҳилаҳои рушди забони адабӣ, инчунин метавон махзани ягонаи истилоҳоти миллиро офарид, ки

иртиботи забони адабии классикӣ ва муосири тоҷикиро ба таври возеҳ инъикос намоянд.

Муҳтавои диссертатсия шаҳодат аз он медиҳад, ки диссертант аз дараҷаи омӯзиши мавзуъ огоҳии комил дошта, ба пажуҳишҳои бунёдии самти истилоҳшиносӣ такя намуда, мавзуи интихобнамудаашро ба таври зарурӣ таҳқиқ кардааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертант ҳангоми пажуҳиши мавзуи мавриди назар ба қадри кофӣ натиҷагирӣ намуда, онҳоро мувофиқи муқаррарот дар ҳамоишҳои сатҳи гуногун ба шакли гузоришу мақолаҳо, дарсҳои забони тоҷикӣ барои муҳассилини ихтисосҳои тиббӣ пешниҳод ва нашр намудааст. Арзиши илмӣ ва сатҳи таҳлилу натиҷагириҳои диссертантро муҳтавои интишороти ӯ тасдиқ мекунанд.

**Навоварии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда,** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ ва этимологии истилоҳоти тиббии рисолаи «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розиро дар такя ба назарияҳои муосири забоншиносӣ мавриди пажуҳиши амиқ қарор додааст. Баррасии истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати сохтор, нақши воситаҳои калимасоз дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ, роҳу воситаҳои офаридани истилоҳиборaҳо ва мавқеи корбурди онҳо дар муқоиса бо таҳқиқоти олимони забоншинос, фарҳангу луғатномаҳо аз ҷумлаи дастовардҳои арзишманди пажуҳиши мавриди назаранд. Афзалияти дигари диссертатсия дар он аст, ки муаллиф дар муқаддима ба таърихи омӯзиши истилоҳот таваҷҷуҳ намуда, оид ба таълифоти муҳаққиқон Қ.Ш. Турахасанов, А.И. Юсупов, Т.А. Назаров, М.Н. Қосимова, Н.А. Ҳусанбоев, ки бевосита баррасии истилоҳоти тиббиро дар бар гирифтаанд, ибрози назар намудааст.

Дар диссертатсия, инчунин, дараҷаи истеъмол ва мавқеи корбурди истилоҳоти тиббии тоҷикӣ ва иқтибосӣ муайян карда шудааст. Масъалаи таснифоти истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати баромади забонӣ, мавзуъ ва нақши

воситаҳои калимасоз дар истилоҳсозӣ муайян гардида, андешаҳои муҳаққиқон оид ба имконоти истилоҳсозии забони тоҷикӣ мавриди қиёс қарор дода шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон ҳангоми таҳқиқи масоили луғатшиносӣ, омӯзиши таърихи истилоҳсозӣ ва таҳқиқи забони осори классикӣ истифода бурд. Маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълими фанҳои луғатшиносӣ, таърихи забони адабии тоҷикӣ, таҳлили матуникласcикӣ истифода гардад. Натиҷаҳои таҳқиқ инчунин метавонанд дар таҳияи луғати истилоҳоти тиббӣ, васоити таълимӣ ба ҳайси манбаъ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ**. Забони баёни диссертатсия фаҳмо, ҳадафу вазифаҳои муайянгардида баррасӣ ва натиҷагирӣ шудаанд. Маводди фактологӣ аз асари интихобшуда гирдоварӣ ва бо равишҳои мушаххаси илмӣ таҳлил гардидаанд. Гузоришу мақолоти интишорнамудаи диссертант аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқи муаллиф шаҳодат медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мақсади асосии диссертатсия «баррасии истилоҳоти тиббӣ аз лиҳози семантика, сохтор, бaромади забонӣ, таснифоти мавзуӣ дар асоси маводди «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» (дисс. 14) мебошад, ки муаллиф бомуваффақият ба ҳадафу вазифаҳои мушаххаснамудааш ноил гардидааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертант оид ба нуктаҳои меҳварии диссертатсия 10 мақолаи илмӣ таълиф кардааст, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ интишор шуда, ифодакунандаи саҳми бевоситаи муаллиф дар ин соҳаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дарачаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар кори диссертатсионӣ муаллиф ҳадафи асосии хешро баррасии истилоҳоти тиббӣ аз лиҳози семантика, сохтор, баромади забонӣ, таснифоти мавзуӣ дар асоси маводди «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ нишон дода, ба вазифаҳои дарпешгузоштааш дастёб шудааст.

Бо назардошти ин, қайд кардан ба маврид аст, ки диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон кори мураттаби диссертатсионӣ буда, мавзуъ ба шакли муназзам бо риояи мъёрҳои мушаххас таҳқиқ шудааст.

Диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон аз муқаддима, 3 боб, фаслу зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда фароҳам омада, 179 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия «Масъалаҳои омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносӣ» номгузорӣ шуда, ба чор фасл тақсим шудааст. Дар боби мазкур масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти илмӣ дар забоншиносӣ, омӯзиш ва баррасии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ, саҳми Закариёи Розӣ дар ташаккули истилоҳоти илмӣ, «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ ҳамчун асари энсиклопедӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ андешаҳои олимони забоншиносро оид ба хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти тибби классикӣ матраҳ намуда, фикру мулоҳизаҳояшро бо далелҳои қотеъ пешниҳод намудааст.

Дар ин боб муҳаққиқ кӯшишааст, ки дар асоси сарчашмаҳои илмӣ хизматҳои Закариёи Розиро дар фазои улуми тиббу кимиё нишон дода, нақши ин олимро дар ташаккули истилоҳоти соҳавӣ таъкид созад.

«Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» - унвони боби дуюми диссертатсия буда, ба таҳлили хусусиятҳои маъноиву сохтории истилоҳоти рисолаи «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ бахшида шуда, аз панҷ фасл иборат аст. Боби мазкур таҳқиқи масоили калимасозиву истилоҳсозӣ, воситаҳои калимасозу истилоҳсозро дар бар гирифтааст.

Боби сеюм «Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар муқаддимаи боби сеюми диссертатсия аз раванди иқтибосшавии вожаҳо дар забонҳои эронӣ, аз ҷумла, забони тоҷикӣ ёдовар шуда, пасон истилоҳоти тиббии ҳиндӣ, арабӣ ва юнонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф роҷеъ ба таърихи тулонӣ доштани иқтибосоти юнонӣ ва омилҳои гузариши истилоҳоти ҳиндӣ ва арабӣ маълумоти заруриро пешкаш намуда, ҳар як истилоҳро дар алоҳидагӣ маънидод намудааст.

Хулосаи умумии диссертатсия ҳадафҳои асосии таҳқикро комилан фаро гирифта, анҷомёфта будани пажуҳишро тасдиқ мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди дастовардҳои арзишманди илмӣ дар диссертатсия бархе аз нуктаҳои баҳсталаб, камбудиву норасоиҳо, ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтааст, киислоҳи онҳо дар оянда барои баланд бардоштани арзиши рисола мусоидат мекунанд:

1. Дар баъзе маврид мундариҷа бо матни дисертатсия мувофиқат намекунад, аз ҷумла, тибқи нишондод боби сеюм бояд аз саҳифаи 132 оғоз ёбад, аммо дар матн ибтидои он аз саҳифаи 129 аст.

2. Унвони боби сеюми рисола «Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» гузошта шудааст, аммо фасли аввали боб «Вожаҳо ва истилоҳҳои тиббии тоҷикӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» номгузорӣ шудааст, ки муҳтавои фасли мазкур бо унвони боб мухолиф аст. Ба назари мо вобаста ба муҳтавои боб унвони он - «Баррасии этимологии истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» гузошта мешуд, беҳтар буд.

3. Ҳадафи асосии диссертатсия бояд таҳқиқи вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббии «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розиро дар бар гирад, аммо дар баъзе мавридҳо ба муҳтавои асари мавриди таҳқиқ таваҷҷуҳ шудааст, ки ба назари мо ин аз вазифаҳои таҳқиқ берун аст.

4. Баъзе асарҳо дар феҳристи адабиёти истифодашуда хилофи қоидаҳои библиографӣ ҷойгир шудаанд, масалан «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим», ки хусусияти лексикографӣ надоранд, дар бахши фарҳангҳо ҷойгир шудаанд.

5. Диссертант дар баъзе ҳолатҳо мисолҳои фаровонеро оварда, онҳоро шарҳ надодааст (саҳ. 46, 48, 96, 101, 104, 114) ва гоҳо тавзеҳоти пешниҳошуда нокифоя ба назар мерасанд.

6. Дар саҳифаҳои 12, 28, 29, 39, 48, 55, 56, 58, 64, 68 ... 163, 170-уми диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расиданд.

Норасоиҳову ғалатҳои мавҷуда хусусияти ҷузъӣ дошта, арзиши илмии диссертасияро коста намегардонанд, зеро дастовардҳои он арзишманду назаррасанд ва муҳаққиқ ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш ноил шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 - Забони тоҷикӣ таҳия шуда, мазмуни асосии пажуҳишро инъикос намудааст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Маҷидзода Бахринисо Маҳмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби мансурӣ»-и Закариёи Розӣ» ба талаботи бандҳои амалкунандаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 25-уми августи соли 2026, суратҷаласаи №1 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд – 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Иброимова Гуландом Наимовна

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович

**Имзоҳои дотсент Юсупов Ш.Р., дотсент Иброимова Г.Н. ва Раҳмонов Б.Н.-ро тасдиқ мекунам:** Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвалӣ

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
E-mail: info.tgpu.tj, тел.: +992 (37) 2241383
«____» августи соли 2026